*«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»*

Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, профессор Усмонзода А.И.

_______________

«17» майи соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи **«В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд»** пажӯҳиши илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба таҳқиқу баррасии мақоми ховаршиноси номвари рус В.А. Жуковский дар шинохти масъалаҳои муҳими адабиёти форсу тоҷик, тарҷума ва таҳқиқи осори суханварони гузашта бахшида шудааст. Ин мавзуъ то кунун дар сатҳи як таҳқиқи ҷудогона мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)** комилан мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таҳқиқу баррасии

зиндагинома ва осори илмии ховаршиноси рус В.А. Жуковский, арзиш ва аҳаммияти корномаҳои ӯ дар ҷодаи таҳқиқу тарҷумаи мероси суханварони адабиёти форсу тоҷик, бозтоби масоили таърихи адабиёт дар баррасиҳои илмии вай аз ҷумлаи масоили муҳимме ба шумор меравэнд, ки то кунун дар адабиётшиносии тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд. Дар канори ин, ба хидматҳои ин донишмандони соҳибном дар таҳқиқи осори суханварони аҳди Сомонӣ, аҳволу ашъори Анварӣ, Умари Хаём, Абдуллоҳи Ансорӣ, таҳқиқу тарҷумаи осори суханварони адабиёти тасаввуф, фароҳамоварӣ ва таснифу таҳқиқи осори шифоҳии мардуми Эрон баҳои дуруст дода нашудааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии **Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд»** аз ҷумлаи аввалин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки дар он саҳми арзишманди ин ховаршиноси номвари рус дар шинохти масоили марбут ба таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, аҳволу осори суханварони ҷудогонаи адабиёти гузашта, тарҷума ва таҳқиқи мероси адабиёти тасаввуф, фароҳамоварӣ ва таснифу таҳқиқи осори шифоҳии мардуми Эрон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия кори анҷомёфта ба шумор рафта, дар заминаи мутолеаи сарчашмаҳо ва осори пажушиҳии фаровон, коркарди илмии маводи ин таълифот ба қалам омадааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаҳое чун мубрамият ва мӯҳиммияти таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ сарчашмаҳо, навовариҳои таҳқиқ, нуктаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршаванда муқаррар ва мушаххас гардида, дараҷаи омӯзиши таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ шарҳу баён ёфтааст.

Диссертатсияи **номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд»** ба ихтисоси **10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)** ҷавобгӯ буда, дар асоси барномаи корҳои илмӣ- тадкиқотии шуъбаи адабиёти классикии тоҷики Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба поён расидааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмї ё коркарди проблемаи илмї бо арзёбии аҳаммияти он. Диссертант Алиев С. дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ, дараҷа ва робитаи пажуҳиш бо барномаҳои илмӣ, ҳадафи таҳқиқ, вазифа, асосҳои назарию амалӣ ва усулҳои таҳқиқ, навовариҳои илмии дар натиҷаи омӯзиши мавзуъ ба даст оварда саҳми шахсии худро гузоштааст.** Масоили меҳварии пажуҳиш дуруст таҳия ва манзур гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии диссертант дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ қобили эътимод буда, аз ҷониби диссертант дар марҳалаҳои гуногун коркард, тасвиб ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**Дар канори ин,** диссертант дар мақолаҳои таҳқиқотӣ, инчунин маърузаҳои худ ва конфронсҳои байналмилалию илмию амалии ҷумҳуриявӣ доир зиндагинома ва мероси илмӣ, пажуҳишот ва тарҷумаҳои В.А. Жуковский, корномаҳои илмии вай дар бораи адабиёти тоҷик, намояндагони ҷудогонаи он, чун Анварӣ, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Абдуллоҳи Ансорӣ, ҳамчунин тарҷумаи мероси намояндагони адабиёти тасаввуф андешаҳои тоза баён кардааст, ки барои рушди адабиётшиносии тоҷик нақши муҳим мегузоранд. Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои манзуршуда дар омӯзиши давраҳои мухталифи адабиёти тоҷик бар пояи пажуҳишҳои В. А. Жуковский муҳим буда, имкон дорад, ки ҳам аз диди назарӣ ва ҳам аз нигоҳи

амалӣ дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъда дар ин замина ба анҷомрасонидашаванда мавриди истифода қарор бигиранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навоварӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навовариҳои диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст нуктаҳои муҳимми марбут ба зиндагӣ, таҳқиқот ва осори илмии яке аз ховаршиносони маъруфи охири қарни XIX ва ибтидои асри XX-и рус В. А. Жуковский ба таври густарда ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, фаъолиятҳои пажуҳандагӣ, тарҷумонӣ ва дигар тамоюлҳои эҷодии ӯ ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки** мавзуи таҳқиқот ба пажуҳиши корномаҳои илмии ховаршиноси рус В. А. Жуковский ва саҳми вай дар таҳқиқи адабиёти форсу тоҷик ихтисос ёфта, ба таъкиди муаллиф бори аввал дар илми адабиётшиносии тоҷик зиндагинома ва мероси адабӣ, корномаҳои илмии ин шарқшиноси маъруф, фаъолиятҳои пажуҳишии ӯ дар самтҳои адабиётшиносӣ, фолклор, бозтоби масоили адабиёт дар осори таърихии ӯ, тарҷумаи осори классикии форсу тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. То кунун на танҳо дар адабиётшиносии тоҷик, балки дар ҳавзаҳои илмии дигар, ҳатто Русия низ зиндагинома ва мероси илмии В.А. Жуковский ба сурати диссертатсияи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Боби аввали диссертатсия “**Зиндагинома ва осори В.А. Жуковский**” унвон дошта, масоили меҳварии таҳқиқи ин бахши он дар 2 фасл баён шудаанд. Фасли аввали ин боб “Шарҳи ҳоли илмии В.А. Жуковский” ном дошта, дар он муҳимтарин нуктаҳои марбут ба рӯзгори ховаршинос аз замони таваллуд то вафоти ӯ шарҳу баён ёфтаанд.

Мусаллам аст, ки то кунун дар навиштаҳои донишмандони ховаршинос чун В. В. Бартолд, С. Ф. Олденбург, А. А. Ромаскевич, М. Н. Боголюбов, В. Истрин, Ю. Э. Боршевский, О. И. Смирнова, А. Т.

Тоҳирҷонов, П.П. Бушев, С.М. Шапшал, М.М. Умняков, А.М. Мугинов роҷеъ ба паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ ва осори илмии В.А. Жуковский мулоҳозоте баён шудаанд, ки сарчашмаи аслии ин бахши таҳқиқоти диссертантро ба вуҷуд овардаанд. Бо ин ҳама, ҳарчанд роҷеъ ба зиндагиномаи ин ховаршиноси номвар иттилои фаровоне дар дастрас қарор надорад, вале муаллифи диссертатсия кӯшидааст, ки пажуҳишҳои то кунун анҷомёфтаро фароҳам намуда, дар асоси онҳо шарҳи ҳоли муфассали В. А. Жуковскийро барқарор ва баён намояд, ки дар Тоҷикистон бори аввал бо чунин густардагии таҳқиқ ҳолномаи ӯ иншо гардидааст.

Фасли дувуми боби мазкур **"Осори илмии Жуковский"** ном дошта, дар он муҳимтарин таълифоти фарогири масоили марбут ба адабиёти форсу тоҷик тасниф ва муаррифӣ шудаанд. Дар навбати аввал, диссертант самтҳои тадқиқоти илмии В.А. Жуковскийро дар панҷ – адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихшиносӣ, фолклоршиносӣ ва диншиносӣ тақсим намуда, роҷеъ ба ҳар яке аз ин тамоюлҳои муҳимми илмии ховаршинос диду назароти хешро баён доштааст. Ба таъкиди диссертант нахустин асари нашршудаи В. А. Жуковский рисолаи ӯ барои дарёфти дараҷаи магистрӣ мебошад, ки таҳти унвони "Алӣ Авҳадиддин Анварӣ. Мавод барои шарҳи ҳол ва тавсифи ӯ" соли 1883 дар Петербург ба нашр расидааст.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни таҳқиқ ба таври иҷмолӣ маҷмуи муҳимтарин осор ва мақолоти В. А. Жуковский, ки арзиш ва аҳаммияти адабиётшиносӣ доранд, шарҳу баён ёфта, мақоми ӯ дар таҳқиқи масоили мубрами адабиёти классикии тоҷик муқаррар карда шудааст.

Боби дувуми диссертатсия **"Масъалаҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик дар баррасии В.А. Жуковский"** унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб, ки **"Таҳқиқи аҳволу ашъори Анварӣ"** ном дорад, мулоҳизаҳо дар бораи нахустин асари ховаршинос, ки дар заминаи рисолаи магристрии ӯ роҷеъ ба Анварии

Абевардӣ навишта шуда, соли 1883 дар Петербург ба чоп расидааст. Бар асоси таҳқиқи анҷомёфта маълум мешавад, ки агар дар бахши аввали ин асар масъалаҳои шинохти номаи рӯзгор ва муҳити адаби ӯ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда бошанд, дар боби дувуми ин асар шарҳҳои ба қасоиди Анварӣ навишташуда таҳқиқ шудаанд. Ҳамзамон, дар бахши тарҷумаи ин асар тарҷумаи 6 қасида ва 4 ғазали Анварӣ ба забони русӣ оварда шудааст, ки ин амр ба саҳми назарраси В.А. Жуковский дар тарҷумаи осори адабии классикӣ ишорат меварзад.

Фасли дувуми боби мазкур **“Умари Хайём дар чашмандози В.А. Жуковский”** унвон дорад ва дар он афкор ва андешаҳои илмии ховаршинос дар мавриди рубоиёти “сайёр”-и Хайём шарҳу тафсир ёфтаанд. Дар ин фасли диссертантсия мулоҳизаҳо асосан дар заминаи мақолаи ховаршинос таҳти унвони “Умари Хайём ва рубоиҳои “сайёр дар маҷмуаи мақолаҳои” ”المظفریه“ баён шудаанд. Дар ҷараёни сафари хеш ба Эрон ба як рубоии Хайём дар таркиби “Муноҷотнома”-и Абдуллоҳи Ансорӣ дучор омада, бар ин асос ба анҷоми ҷусторҳо дар робита ба рубоиёти Умари Хайём оғоз мекунад. Ҳамин тавр, дар ин бахш таҳқиқи ҷолибе роҷеъ ба корномаҳои В.А. Жуковский дар таъйини дақиқи рубоиёти Хайём дар таркиби мероси шуарои дигар сурат гирифтааст.

Фасли савуми боби дувум “Назари В.А. Жуковский ба адабиёти аҳди Сомонӣ” ном дорад. Бар асоси таҳқиқоти анҷомдода сабабҳои аслии таваҷҷуҳи В.А. Жуковскийро диссертант ба он пайванд медиҳад, ки ӯ ҳангоми ҷусторҳояш дар китобхонаи донишгоҳи Санкт-Петербург ба рисолае дучор меояд, ки “Эътиқодоти Ҳазрати Хоҷа Муҳаммади Порсо” унвон дошта, дар он масоили мубрами ақидативу фикрии аҳди Сомониён шарҳу тафсир ёфтааст. Ин асар нусхае аз ҳамон китоби маъруфи ҳакими замони Сомониён Абулқосими Самарқандӣ будааст, ки бо номи “Савод-ул-аъзам” низ машҳур аст ва ошноӣ бо муҳтавои ин асар роҳи таҳқиқи адабиёти ин даврро барояш

боз мекунад ва минбаъд низ дар таҳқиқи вежагиҳои адабиёти ин давра иқдом менамояд.

Фасли чаҳоруми боби мазкур "Таҳқиқ ва тарҷумаи осори адабиёти тасаввуфӣ ном дошта, дар пажуҳишот ва корномаҳои илмии марбут ба таҳқиқу тарҷумаи осори тасаввуфӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба таҳқиқи анҷомдодаи муҳаққиқ аввалин мақолаи В.А. Жуковский "Инсон ва маърифат аз назари сӯфиёни форсӣ" ном дошта, соли 1895 аввал ҳамчун суханронӣ дар ҷаласаи олимони Донишгоҳи императории Санкт-Петербург ироа гардида, баъдан ба сурати мақола нашр шудааст. Силсилаи таҳқиқоти ӯ роҷеъ ба Абусайиди Абулхайр ва дақиқ намудани муаллифи аслии китоби "Ҳолот ва суханони Шайх Абусаид", инчунин сохторшиносӣ ва мундариҷаи асари "Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти Абусаид"-и Муҳаммади Мунаввар қобили таваҷҷуҳанд, ки дар ин фасли рисола ба сурати муфассал шарҳу тафсир ёфтаанд.

Фасли панҷуми боби дувум **"Таҳқиқи ҳаёт ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ"** ном дошта, ба шарҳи корномаҳои илмии В.А. Жуковский дар заминаи мероси ирфонии ин намояндаи барҷастаи адабиёти тасаввуф бахшида шудааст. Асоси таҳқиқи диссертантро дар ин бахш мақолаи "Таронаҳои Пири Ҳирот" ба вуҷуд овардааст, ки соли 1895 интишор ёфтааст. Ба таъкиди диссертант В.А. Жуковский қабл аз ҳама бар асоси мутолеаи сарчашмаҳо ва манобеи нодир зиндагиномаи Абдуллоҳи Ансориро баён намуда, нукот ва ҷузъиёти муҳимми рӯзгорашро шарҳу тафсир кардааст. Вежагиҳои муҳимми сабки таълифоти Ансорӣ, сарчашмаҳои фикрии ӯ низ баён гардида, хидмати ин донишманд дар тарҷумаи намунаҳои ашъор ва осори насрии Пири Ҳирот таъкид шудааст. Саҳми ховаршиноси маъруф дар таҳия ва нашри девони Бобо Куҳӣ аз намояндагони дигари барҷастаи адабиёти тасаввуф ва таҳқиқоте роҷеъ ба ӯ низ дар ин фасл баррасӣ

гардидааст.Таҳқиқоти анҷомдодаи Алиев Султон муқаррар сохтааст, ки Бобо Кӯҳӣ дар баробари пайрави маслаки ирфон будан соҳиби девони ашъоре мебошад, ки мазмунҳои тасаввуфӣ дар он шарҳу баён ёфтаанд. Жуковский танҳо ба тасҳеҳу нашри Девони мазкур иктифо накарда, балки онро бо забони русӣ низ тарҷума кардааст, ки дар ин ҷода низ хидматҳои арзишманди вай аз сӯи диссертант мушаххас ва ба онҳо баҳогузорӣ шудааст. Илова бар ин, дар корномаҳои тасаввуфпажуҳишии ховаршинос шарҳ бар рубоиёти Абусаиди Абулхайр низ қарор дорад, ки ба сурати алоҳида ин нигоштаҳои ӯ дар баробари "Рисолаи ҳурония"-и Убайдуллоҳ ибни Маҳмуд аш- Шишӣ, ки дар нашри низ иқдом кардааст, ба чоп расидаанд.

Боби савуми диссертатсия **"Саҳми В.А. Жуковский дар ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳқиқи осори шифоҳии мардуми Эрон"** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар ин бахши таҳқиқ диссертант хидматҳои ховаршиноси русро дар самти фароҳамоварии осори шифоҳии мардумони Эрон дар иртибот ба лаҳҷаҳои мухталифи ин кишвар, таснифу таҳқиқи онҳоро баррасӣ кардааст. Дар ҷараёни тақиқи худ ӯ ба натиҷае расидааст. ки В.А. Жуковский аз аввалин ховвршиносоне ба шумор меравад, ки ба фароҳамоварӣ ва таҳқиқи ҷиддии осори шифоҳии мардуми Эрон машғул шудааст. Бар асоси анҷоми ин таҳқиқ диссертант хеле аз наму́нaҳои осори шифоҳии мардуми манотиқи Эронро, ки В.А. Жуковский ҷамъоварӣ намудааст, оварда, ки корномаҳои ховаршиносро дар самти фолклоршиносӣ низ бозгӯй мекунанд. Дар робита ба ин матолиб, дар ин боби диссертатсия муаллиф саъй намудааст, ки ҷанбаҳои адабиётшиносии таҳқиқоти таърихшиносии В.А. Жуковскийро нақду баррасӣ намояд, ки мулоҳизоти дар ин бахш баённамуда низ аҳамияти илмии таҳқиқро боло бардоштаанд. Ин осори вай бештар дар заминаи пажуҳишҳои

бостоншиносӣ ба қалам омадаанд, ки аз ҷумлаи онҳо "Харобаҳои Марви куҳан" ба шумор меравад.

Дар бахши Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ ҳосилшуда, дар 12 банди назарӣ ва 6 банд тавсияҳои амалӣ изҳор шудаанд, ки ҳамагӣ таҳқиқи пурдоманаи ӯро роҷеъ ба мақому ҷойгоҳи ховаршиноси рус В.А. Жуковский дар таҳқиқи масоили мубрами адабиёти форсу тоҷик бозгӯӣ мекунанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар канори ин дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо ба наъфи кори муаллиф аст:

1. Бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ хеле мухтасар баён шудааст. Такмили он барои афзудани арзиш ва аҳаммияти диссертатсия омил хоҳад гардид.
2. Аз пажуҳишоти анҷомдодаи В.А. Жуковский равшан мегардад, ки ӯ роҷеъ ба Фирдавсӣ, Носири Хусрав низ таҳқиқоте ба анҷом расонидааст, ки то ҷое аз назари диссертант берун мондаанд. Хуб мебуд, ки дар бораи ин таҳқиқоти адабиётшиносии ховаршиноси мазкур изҳори назар менамуд.
3. Боби савуми диссертатсия "Саҳми В.А.Жуковский дар ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳқиқи осории шифоҳии мардуми Эрон" унвон дорад,вале аз унвони ду фасли он маълум мешавад, ки масоили мавриди таҳқиқ ба самтҳои дигар марбутанд. Хоса, фасли дувуми ин боб, ки таҳқиқоти забоншиносии ховаршиносро фаро мегиранд. Ба назари мо, беҳтар мебуд, ки унвони боби мазкур ба масоили мавриди таҳқиқ мутобиқ карда мешуд.
4. Дар феҳристи адабиёти истифодашуда баъзе ноҳамгуниҳо ба чашм мерасанд.Аввал ин ки дар бахши аввал, ки адабиёти бо забони русӣ таълифшуда омадааст, китобе низ зикр шуда, ки дар асл бо хати форсӣ чоп шудааст. (Ниг. Феҳристи адабиёт. Шумораи 2. )

5. Дар диссертатсия бархе ғалатҳои имлой, техникӣ ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо арзиши корро боз ҳам меафзояд.

Албатта, эродҳо мазкур ба сифати рисола таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коҳиш нахоҳанд дод.

Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ва қалам омадааст, комилан мувофиқат дорад. Ҳамин тавр, диссертант дар доираи таҳқиқоти хеш 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст,ки аз ҷумлаи онҳо 5 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд ва мундариҷаи аслии диссертатсияро ифода мекунанд.

Аннататсияи диссертатсия, ки дар автореферати он бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ҷой гирифтааст, моҳияти аслии онро ба сурати фишурда таҷассум менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии** довталаб ба дараҷаи илмӣ. Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд», ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, пажуҳиши комилан анҷомёфта ба шумор меравад. Диссертатсия мутобиқ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф ёфта, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)** мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" аз 17–уми майи соли 2024, суратҷаласаи № 10 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

РАИСИ ҶАЛАСА:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Абдуфаттоҳ Ҳоҷиев

**ЭКСПЕРТ:**
доктори илми филология, профессори
кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, сармуаллими
кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Азизов Сорбон

Имзоҳои н.и.ф., Ҳоҷиев А..., д.и.ф. Нуров Н.Н. ва н.и.ф. Азизов С.С..-ро **тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров З.С. Ҳусейнова

«17» майи соли 2023

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
**735700, Ҷумҳурии Тоҷикисон,**
**шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;**
**e-mail: rector@hgu.tj Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj**